Хулосаи комиссияи коршиносони

шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) ба диссертатсияи Фозилзода Ҷалолиддин Дустмурод, дар мавзуи «Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.4. - Селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ.

Комиссияи коршиносон бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ), Протоколи №47 аз 15 октябри соли 2026 дар ҳайати Исмоилов М.И. -д.и.б, профессори кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур- раис, аъзоёни комиссия: Саидзода Р.Ф. - директори Институти ҳифзи растаниҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, доктори илмҳои кишоварзӣ, Мубалиева Ш.М. - мудири захираи гербарияи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои кишоварзӣ ба диссертатсияи Фозилзода Ҷалолиддин Дустмурод, дар мавзуи «Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.4. - Селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ, ташкил карда шудааст, ки дар асоси омӯзиши диссертатсия ва автореферат чунин натиҷагирӣ намуд:

Кори диссертатсионии Фозилзода Ҷалолиддин Дустмурод, дар мавзуи «Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» муҳим ва актуалӣ буда, тадқиқоти илмии анҷом ёфта ба ҳисоб меравад. Тадқиқоти илмӣ аҳамияти соҳавӣ дошта, бо мақсади омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии навъҳои нави олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, ҷиҳати истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.

Дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсия иҷозат дода шудааст. Дар амал татбиқ намудани ду ҳадафи стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар бе рушди соҳаи кишоварзӣ аз он ҷумла бахши боғу токпарварӣ ғайри имкон аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди боғпарварии дарахтони донакдор, хусусан мевапарварӣ соҳаи муҳим буда, тараққиёти

минбаъдаи ин самт дар зери назорати Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Дар перафту тараққиёти ин соҳа интродуксияи навъҳои нав барои амалӣ гардонидани нақшаҳои стратегии ҳукумат ҷиҳати таъмини амнияти ғизоӣ нақши муҳим дорад, ки дарахти олу низ ба он мансуб аст. Сол аз сол талабот ба истеъмоли мева, хусусан меваи олу, ки аҳамияти ғизоию дорои хусусияти шифоӣ дорад зиёд мегардад. Вобаста ба ҳамин, дар даҳсолаи охир ба ҷумҳурии мо навъҳои зиёди олу ворид гардида, интродуксия шудааст, ки хусусиятҳои агроэкологии онҳо дар минтақаҳои гуногун, аломатҳои селексионӣ ва мутобиқшавии онҳо то ҳол дар сатҳи илмӣ омӯхта ва баҳогузорӣ карда нашудааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиши аломату хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бо мақсади иваз кардани навъҳои куҳна бо навъҳои серҳосилу аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок хеле муҳим буда, мутобиқ ба самти селексия ва тухмипарварӣ аст.

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисоси 4.1.4 - Селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ. Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Фозилзода Ҷалолиддин Дустмурод аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 4.1.4. - Селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ, дар асоси феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.09.2025, фармоиши №361/шд, ки дар он ҳуқуқи қабули диссертасияҳо барои ҳимоя нишон дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Мутобиқати мавзуъ ба самтҳои афзалиятноки илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соҳаи тадқиқоти мавзуи диссертатсия оид ба селексия ва омӯзиши хусусиятҳои агроэкологии дарахтони мевадиҳанда буда, мазмуни диссертатсия ва тадқиқоти иҷрошуда ба бандҳои зерини ихтисоси 4.1.4. - Селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад:

Банди 2. Омӯзиши экологӣ, анатомию морфологӣ, эмбриологӣ, физиологию биокимиёвӣ ва ситологию генетикии захираҳои растанӣ дар алоқамандӣ бо офаридани шаклу хусусиятҳои нав барои селексия ва асосноккунии принсипу усулҳои истифодаи самараноки онҳо дар раванди корҳои селексиониву тухмипарварӣ.

Банди 3. Услуб, техника ва нақшаҳои технологии равандҳои селексиониву тухмипарварӣ. Кор карда баромадан ва такмил додани усулҳои гуногуни интихоб, дурагакунии дохилинавъӣ ва дур.

Банди 4. Офаридан ва омӯзиши селексионию генетикии маводи аввалияи нав (дурагаҳо, мутантҳо, шаклҳои гаплоидӣ, анэуплоидӣ ва полиплоидӣ,

клонҳо, шаҷараҳои инбредӣ, ҳамсонҳои (аналог) стерилӣ ва фертилӣ, шаклҳои худмувофиқнашаванда ва дигар компонентҳои селексияи аналитикӣ, синтетикӣ ва гетерозисӣ).

Банди 5. Тарҳрезии усулҳои баҳодиҳии хусусиятҳои ҳосилнокӣ, мутобиқшавӣ ва дигар хусусиятҳои хоҷагидорию пурқиматии навъҳо, маводи селексионию киштшаванда (тухмӣ). Такмилдиҳии принписҳои минтақабобкунии экологию ҷуғрофии навъҳо ва аз рӯи минтақаҳо ҷойгиркунии заминҳо барои тухмипарварӣ.

Мавзуи диссертатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ аз ҷумла:

1. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658);

2. «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №793);

3. Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, № 483 аз 20.10.2016;

4. Барномаи илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарвариии АИКТ дар мавзуи «Офаридани навъҳои ба шароити экологӣ устувори дарахтони мевадиҳанда, чормағзиҳо, ситрусиҳо, буттамеваҳо ва такмилдиҳии технологияи парвариши ниҳол ва бунёди боғҳои интенсивӣ барои солҳои 2016-2020» (РКД 0116TJ00625);

5. Мавзуи илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ «Ба вуҷуд овардани навъҳои серҳосили ба тағйирёбии иқлим устувори дарахтони мевадиҳанда, чормағзиҳо, ситрусиҳо, буттамевагиҳо, такмилдиҳии технологияи парвариши ниҳол ва бунёди боғҳои интенсивӣ вобаста аз шароити маҳал барои солҳои 2021- 2025» РҚД 0121 TJ1135.

Оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб. Натиҷаҳои тадқиқот дар 10 маводҳои интишорӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро дар бар мегиранд.

Дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия. Тибқи талаботи **банди 35-и** "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, №591) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар соҳаи илмҳои табиӣ, математикӣ, тиббӣ, кишоварзӣ ва техникӣ 3 мақола ва на кам аз ду маъруза дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ё байналмилалӣ аст, ки аз

тарафи довталаби дараҷаи илмӣ Фозилзода Ҷалолиддин Дустмурод 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ва 6 маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ карда шудааст, ки ин ба талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мувофиқ аст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ. Натиҷаи корҳои илмӣ - тадқиқотӣ дар шароити озмоишгоҳ ва саҳро доир ба хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар асоси методикаи қабулшуда дар боғдорӣ "Программа и методика сортоизучения пло-довых, ягодных и орехоплодных культур", Орёл [1999] гузаронида шуда, матни диссертатсия дар барномаи компютерии Microsoft Word (2010) ва натиҷаҳои гирифташуда бо истифода аз усули таҳлили дисперсионӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] дар барномаи компютерии Microsoft Excel (2010) ба ҷо оварда шудаанд.

Мақолаҳо ва сарчашмаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиши масъалаҳои технологияи парвариш ва инкишофи навъҳои нави олу вобаста ба генотип ва шароити парвариши онҳо нигаронида шудаанд, асоси методологӣ ва назариявии таҷрибаҳоро ташкил медиҳанд.

Татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот, пешниҳоди манфиатҳои иқтисодӣ. Дар бисёре аз минтақаҳои ҷумҳурӣ боғҳои саноатии олу бунёд карда шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби навъҳои олуи "Стенлей", "Блю фри", "Кабардинская ранняя", "Визион" ва "Мирабелла" дар Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии "Сомонҷон"-и ноҳияи Данғара зиёда аз 30 га, "Боғи миллӣ"-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд 20 га, боғи "Хуталон"-и шаҳри Душанбе 5 га, хоҷагии деҳқонии "Муродҷон - ота"-и шаҳри Турсунзода 40 га мебошад. Аз ин лиҳоз, навъҳои зикргардидаро дар шароити ноҳияи Данғара, ки аҳамияти илмию амалии баланд доранд, барои омӯзиши ҳамаҷониба ва мукаммал қарор дода шудааст. Натиҷаи тадқиқотҳо аз ҳисоби навъҳои дурнамо дар масоҳати 20 га дар Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии "Сомонҷон"-и ноҳияи Данғара татбиқ карда шудааст.

Натиҷаҳои корҳои илмии Фозилов Ҷ.Д. нишон додааст, ки навъҳои Стенлей, Блю фри, Кабардинский ранний дар шароити Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии «Сомонҷон» бо хусусиятҳои хуби хоҷагидорӣ ва агроэкологиашон аз дигар навъҳои парваришаванда, бо куллӣ фарқ мекунанд. Ҳосилнокии ин навъҳо 12-15 т/га-ро ташкил медиҳад. Барои зиёд кардан ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо дар хоҷагии таҷрибавии «Сунбула»-и шаҳри Ҳисор аз навъҳои зикргардида бо миқдори 100 бехӣ ниҳолҳо дар қитъаи ниҳолпарварӣ парвариш ёфта истодаанд.

Вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро. Кори диссертатсионӣ дар 155 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 6 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кор бо 23 ҷадвал, 16 расм ва 12 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 164, аз ҷумла 14 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад. Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаи нави илмии ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 62-63-и Низомномаи Шурои диссертасионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026 таҳти №591 тасдиқ гардидаст, пешниҳод менамояд, ки кори диссартатсионии Фозилзода Ҷалолиддин Дустмурод барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.4. - Селексия ва тухмипарвариии зироатҳои кишоварзӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-096-и назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Фозилзода Ҷалолиддин Дустмурод, дар мавзуи «Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.4. - Селексия ва тухмипарвариии зироатҳои кишоварзӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 -и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026 таҳти №591), **ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Фозилзода Ҷалолиддин Дустмурод дар мавзуи «Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.4. - Селексия ва тухмипарвариии зироатҳои кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқотиашон ба ихтисоси 4.1.4 - Селексия ва тухмипарвариии зироатҳои кишоварзӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Алимуродов Абдузоҳид Султонович**- доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи биохимияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Шомамадова Зубайда Дустмамадовна- номзади илмҳои кишоварзӣ, омӯзгори калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ -риёзии Донишгоҳи байналмилалӣ, сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимояи такрорӣ "19" декабри соли 2026, соати 10.00 муқаррар карда шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои биологӣ, профессор _____ Исмоилов М. И.

Аъзоёни комиссияи коршиносӣ:

Доктори илмҳои кишоварзӣ _____ Саидзода Р.Ф.

Номзади илмҳои кишоварзӣ _____ Мубалиева Ш.М.

"19" декабря с.2026